Кумитаи Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждани

Гурӯҳи Арзёбии Фаврӣ ва Идоракунӣ холатхои Фавқулодда (REACT)

27 май, 2020

# СТРАТЕГИЯИ ПОСУХДИҲИИ ФАВРИИ БАШАРДУСТОНА БА COVID-19

*ДАСТГИРИИ ПОСУХДИҲИИ ТИББИИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ФАЪОЛ НАМУДАНИ ТАЪМИНИ КӮМАКҲОИ БАШАРДӮСТОНА*

«Мехостам як нуктаи муҳимро хотирнишон намоям, ки ҳам бо сабаби бӯҳрони шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амният ва амнияти ҳар як давлат ва шаҳрвандони онҳо, вазъи байналмилалӣ оғоз аз ҳазорсолаи нав ва махсусан аз аввали соли 2020 нисбати вазъи Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дида мушкилтар ва хатарнок шуда истодааст.

Дар чунин шароит, мо ҳамеша ба ягонагии қавӣ ниёз дорем, содиқона, ростқавлона ва самимона кор мекунем, садоқатмандӣ, ҷасорат ва содиқи/бовафогии худро ба Ватани худ, давлат ва халқи худ собит месозем, инсондӯстӣ ва ғамхориро нисбати якдигар фаромӯш намекунем.

Мо бояд ба ятимон ва шахсони дорои маъюбият, оилаҳои камбизоат ва дигар гурӯҳҳои осебпазир кӯмак расонем ва боварӣ дошта бошем, ки ин рӯзҳо ҳам мисли рӯзҳои аз ин ҳам вазнинтаре, ки онҳоро дар гузашта паси сар кардем мегузаранд."

"Мо густариши ҳамкориҳои судманди худро бо кишварҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, бо ҳамсоягони наздик, шарикони стратегӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ барои ҳалли ин мушкилот идома хоҳем дод."

Президент Эмомали Рахмон

Апрел 17, 2020

Кумитаи Ҳолатҳои Фавқулода ва Мудофиаи Гражданӣ

Нақшаи Стратегияи посухдиҳии фаврии башардустона

## ЗАМИНА:

Аз моҳи майи соли 2020 инҷониб дар Тоҷикистон бақайдгирии шумораи афзояндаи ҳолатҳои сироятёбӣ бо COVID-19 идома дорад. Идораҳои Ҳукумати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президент барои посухдиҳӣ ба ҳолатҳои фавқулоддаи тиббӣ тавассути таъсис додани Ситоди доимоамалкунанда дар сатҳи ҳукумат, ки моҳи феврали соли 2020 мувофиқи амри Президент (АП-1365) таъсис ёфта фавран аз ҷониби Вазорати Тандурустӣ идора карда мешавад, фаъолона омодагӣ диданд.

Илова бар ҳолати фавқулоддаи тиббӣ, таъсири басташавии сарҳадот, камшавии интиқолҳои пулӣ ва дигар омилҳои иқтисодӣ метавонанд иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мушкилотҳо оварда расонанд, ва аз ин сабаб Вазорати иқтисод ва савдо як чорчӯбаи ҳамкориро таҳия кардааст.

Ҳангоми ҳолатҳои фавқулоддаи башардӯстона дар Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани бояд аз инфрасохтори васеи худ барои расонидани кӯмаки бевоситаи башардӯстона ба минтақаҳои аз офатҳои табиӣ зарардида истифода барад ва ҳамоҳангии зичро бо Гурӯҳи (REACT), ки муштарак аз ҷониби раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани бо Ҳамоҳангсози доимии СММ идора мешавад, ба роҳ мемонад.

Форуми мазкур ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва шарикони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки фаъолона дар посухдиҳӣ, барои таъмини мувофиқатии чорабиниҳои башардӯстона ба афзалиятҳои Ҳукумати Тоҷикистон, таъмини сатҳи сифати зарурӣ дар чорабниҳо ва барои ба роҳ мондани ҳисоботдиҳии ягона ба донорҳо, шарикон ва Ҳукумати Тоҷикистон, иштирок намоянд.

Дар омодагӣ ба ҳолати фавқулоддаи башардӯстона, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани платформаи REACT-ро фаъол сохта, афзалиятҳои стратегии дар ин санад инъикосёфтаро ҳамчун самтҳои посухдиҳӣ муайян кардааст, ки бо ҳамроҳии ташкилотҳои байналмилалӣ барои дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва омода шудан ба расонидани кӯмакҳои башардӯстона тавассути як платформаи ҳамоҳангшуда бо шарикони калидӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд




## 1. ЧОРЧУБАИ СТРАТЕГӢ:

Стратегияи посухдихии фаврии башардӯстонаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании, ҳамчун санади фаръии Нақшаи кишварии омодагӣ ва посухдиҳӣ ба COVID-19 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таҳия шудааст. Стратегияи посухдихии фаврии башардӯстона бо ҷузъҳои Нақшаи Глобалии Посухдиҳии Гуманитарии Созмони Миллали Муттаҳид барои COVID-19 ва ба аазалиятҳои глобалии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ барои посухдихи ба COVID-19 мутобиқ карда шудааст.

Заминаҳои стратегие, ки Стратегияи посухдихии фаврии башардӯстона дастгири менамоянд, инҳоро дарбар мегиранд:

1. Таъсири пандемияи COVID-19, посухдихии башардӯстона дар Тоҷикистонро, сарфи назар аз шумораи ҳолатҳои бақайдгирифташудаи беморӣ, талаб менамояд.

2. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани дар Тоҷикистон дорои ваколатҳо ва захираҳо мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон барои расонидани кӯмаки башардӯстона, дода шудаанд.

Ин заминаҳо аз ҷониби Ситоди доимоамалкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд ва дар мактуби расмии дастгирӣ, ки ба Замимаи - А дохил карда шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дастури стратегӣ, ки онро Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ тавассути Стратегияи посухдихии фаврии башардӯстона амалӣ менамояд, чунин хоҳад буд:

Дастгирӣ намудани посухдихии ҳамоҳангшудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани аз захираҳои инсонӣ, воситаҳои посухдиҳӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилали баҳри дастгирии посухдиҳӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, дар заминаи COVID-19, дар соҳаи тандурустӣ, башардӯстона ва иқтисодӣ.

Барои иҷрои ин дастури стратегӣ чаҳор ҳадафи аввал муайян гардидаанд:




**Ҳадафи 1: Дастгирии посухдихии тиббии Вазорати тандурустӣ дар беморхонаҳо ва биноҳои карантинӣ** бо мақсади ба таври назаррас баланд бардоштани дастрасӣ ва қобилияти посухдиҳии Вазорати тандурустӣ.

**Ҳадафи 2:** Истифода бурдани имконияти логистикии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ барои **дастгирӣ намудани назорати бемориҳо ва ҳисоботдиҳии иқтисодӣ дар бораи ҳолатҳои фавқулодда бо мақсадии таъмин намудани иттилооти фаврӣ, дақиқ ва амалкунанда** дар бораи нишондиҳандаҳои саломатӣ ва иқтисодӣ.

**Ҳадафи 3:**

Истифодаи бурдани захираҳои озуқаворӣи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ва кӯмаки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои **расонидани кӯмакҳои башардӯстона** ба ҷомеаҳои зарардида тавассути баланд

бардоштани тобовари ғизоии ҷомеаҳо ва устувории бозорҳо бо мақсадии баланд бардоштани иқтидори ҷомеаҳо дар ҳолатҳои фавқулоддаи тамдидгардида.

**Ҳадафи 4:** Истифодаи инфрасохтор ва гурӯҳҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда барои дастгирии Вазорати Корҳои дохилӣ ва маъмурияти минтақавӣ дар **амали намудани қоидаҳои фосилаи иҷтимоӣ ва барномаҳои карантинӣ ҳангоми оғоз шудани онҳо**. Ин ба ҳамвор кардани хатти хатари хуруҷи эҳтимолӣ, бо мақсади посухдиҳии самаранок дар соҳаи тандурустӣ, кӯмак хоҳад кард.

## ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ:

Стратегияи посухдихии фаврии башардӯстона дар доираи чаҳор ҳадафи асосӣ ташкил шудааст. Ҳадафҳои мазкур авлавиятҳои ҷории фаҳмидашударо инъикос менамояд, аммо онҳо бояд фаъол бошанд ва метавонанд вобаста ба талаботҳои маҳаллӣ тағйир ёбанд.

## ҲАДАФИ 1: ДАСТГИРИИ ПОСУХДИҲИИ ТИББИИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ.

**Ҳадафи Стратегӣ**. Вазорати Тандурустӣ иқтидори назаррасеро барои посухдихи ба ҳолатҳои фавқулоддаи соҳаи тандурустӣ дар Тоҷикистон дорад, ки дар 25 соли охир дар бисёр барномаҳои тиббӣ бомуваффақият намоиш дода шудааст. Аз таҷрибаи давлатҳои дигари ҷаҳон фаҳмида мешавад ки, иқтидори Вазоратҳои Тандурустӣ дар бисёр кишварҳои сарватманд бо суръат аз таъсири ин беморӣ пурбор гардид.

**Мақсади Стратегии** ин ҳадаф сафарбар намудани Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани барои дастгирии иловагии Вазорати Тандурустӣ дар фароҳам овардани дастрасии бештар ба аҳолии зери хатар буда ва ҳамзамон паст кардани сарбории инфрасохтори соҳаи тандурустӣ мебошад.

**Натиҷаи чашмдошт** - Дар назар дошта шудааст, ки тавассути ҷалби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи иражданӣ (иқтидори моддию техникӣ, нерӯи кадрӣ, низоми ҳолатҳои фавқулодда) сатҳи фарогирӣ ва қобилияти посухдиҳии Вазорати Тандурустӣ ба хуруҷи эҳтимолии COVID-19 ба таври назаррас афзоиш меёбад.

### АФЗАЛИЯТИ 1: МУҲОФИЗАТ НАМУДАНИ ПОСУХДИҲАНДАГОНИ ФАВРӢ

Таъмин намудани муҳофизати посухдиҳандагони фаврӣ аз ҷониби Ҳукумат ва Шарикони Ҳукумат, ки дар заминаи пандемия ба Вазорати Тандурустӣ кӯмак мерасонанд, омӯзиш, таҷҳизоти муҳофизати шахсӣ ва дастрасии доимӣ ба таҷҳизоти мониторинги саломатиро талаб менамоянд. Дар сурати хуруҷи васеъи беморӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани гурӯҳҳои посухдихи тиббии ва инчунин гурӯҳҳои таҳвилкунандаи худро сафарбар намуда, таҷҳизот ва маводро аз анборҳои миллӣ ва минтақавӣ сафарбар хоҳад кард.

Онҳо инчунин бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (TRCS) ва Агентии Оғохон оид ба Макони Зист (АКАН) ҳамкорӣ мекунанд, то ҳазорон посухдиҳандагони фаврии ихтиёриро, ки барои ҳамкорӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани омӯзонида шудаанд, сафарбар намоянд. Инчунин боварӣ ҳосил намудан оиди он ки посухдиҳандагон дар хусуси кӯмак дар ҳолати фавқулоддаи тиббӣ омӯзонида шудаанд ва таҷҳизоти зарурӣ барои ҳифзи бехатарии худ доранд. REACT таъмин менамояд, ки захираҳо барои ҳарду посухдиҳандагон аз ҳарду ҷинсҳо пешбинӣ карда шаванд.

Тадбирҳои асосӣ:

1. **<u>Омӯзиш барои Посухдиҳандагони фаврӣ</u>:** Гузаронидани омӯзиш оид ба посухдихӣ дар соҳаи тандурустӣ барои посухдиҳандагони Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, посухдиҳандагони Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (TRCS) ва Агентии Оғохон оид ба Макони Зист (AKDN). Арзиши ибтидоии ин омузиш тавассути тренерҳои байналхалқӣ бо дастгирии фосилавӣ ва бо тренерҳои Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад

2. **<u>Таҷҳизотҳои Муҳофизатии Шахсӣ</u>:** Таъмини таҷҳизоти муҳофизати шахсӣ ба монанди ниқобҳои муҳофизатӣ, дастпӯшҳо, санитайзерҳо, сарпӯш ва хилъатҳо барои истифода аз ҷониби посухдиҳандагони Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, ва инчунин гурӯҳҳои Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон TRCS ва Агентии Оғохон оид ба Макони Зист (AKDN).

3. **<u>Долони Башардӯстона</u>:** Ҷалби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ бо шарикони худ дар Чин, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Федератсияи Русия дар ташкили пайраҳаи гузариш ва дастраси махсулот ва таҷҳизоти муҳими тиббӣ, таҷҳизотҳо барои мухфоизати шахсӣ ва дигар маводҳои асосӣ барои посухдихи.

4. **<u>Банақшагирии Идоракунии Зарарҳои Оммавӣ</u>:** Омӯзиш ва нақшаҳо барои гурӯҳҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани ва сардорони бемористонҳои Душанбе ва минтақавӣ оид ба рафъи зарари оммавӣ - ҳалли эхтиёҷоти дафн дар ҳолати фавқулодда

## АФЗАЛИЯТИ 2: ЛОГИСТИКАИ МУКАММАЛГАРДИДА БО МАҚСАДИ ПОСУХДИҲИИ ТИББӢ.

Истифода намудани иқтидори моддиву техникии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани барои дастгирии ҳаракати гурӯҳҳои тиббии Вазорати Тандурустӣ, таҷҳизот, маводҳо ва мутахассисон дар саросари кишвар барои ҳалли мушкилиҳо дар мавзеъҳои зарардида ҳангоми муайян намудани онҳо

### Тадбирҳои асосӣ:

1. **Дастгирии иншоотҳое, ки зери карантин қарор доранд:** Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи Граждани бо сӯзишворӣ, ғизо ва ашёи ғайриозуқа (NFI) муассисаҳои зери карантин қарор доштаро дар саросари кишвар таъмин мекунад. Кумита ба расмият даровардани хатҳои таъминоти маводҳои заруриро ба муассисаҳои карантинӣ назорат мекунад ва боварӣ ҳосил менамояд, ки кӯмаки амалӣ барои идомаи фаъолияти иншоотҳо дар сатҳи баланди сифат таъмин гардад ва ба талаботи бехатарӣ ва дастрасӣ барои гурӯҳҳои осебпазир ҷавобгӯ бошад.
2. 
3. **Омодагии наклиётҳо ва сӯзишворӣ:** Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани наклиётҳои махсусгардонидашуда ва наклиётҳои боркаши калони худро барои истифода дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ метавонад пешниҳод намояд, то гурӯҳҳои Вазорати тандурустӣ ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани ба минтақаҳое, ки ба кӯмаки тиббӣ ё башардӯстона ниёз доранд, зуд равона шаванд.

4. **Минтақаҳои марҳилавӣ:** Ҳукуматҳои вилоятҳо ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва Мудофиаи граждани дар саросари кишвар қитъаҳои замин доранд, ки метавонанд ҳамчун мавзеъҳои посухдихии тиббӣ ё башардӯстона ва ҳамчун як ҷойи паҳнкунии иттилоот дар ноҳияҳои дурдасти кишвар хизмат кунанд. Таҷҳизонидани ин ҷойҳо бо сохторҳои муваққатӣ, генераторҳо ва таҷҳизоти асосӣ ба онҳо

имкон медиҳанд, ки дастрасии Вазорати тандурустӣ ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданиро ба минтақаҳои дурдасти кишвар васеъ кунанд.

5. **Дастгирии фаъолиятиҳои посухдихи:** Бовари ҳосил намудан оиди он ки, пойгоҳи моддиву-техникӣ ва оперативии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани дар давоми ҳолатҳои эҳтимолии фавқулодда хизмати худро идома медиҳад. Нигоҳ доштани захира барои таъмини сӯзишворӣ, хароҷоти логистикӣ, ва ҷуброн ба посухдиҳандагон ба ин тадбир дохил карда мешаванд.

## АФЗАЛИЯТИ 3: ФАЪОЛГАРДОНИИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ БО ШАРИКОН

Платформаи РЕАКТ/REACT механизми асосии ҳамоҳангсозӣ дар ҳолатҳои фавқулодда дар Тоҷикистон мебошад. Бо ҳам овардани шарикони манфиатдори ҷомеаи байналмиллалӣ, Ҳукумати Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар форуми муколама ва ҳамоҳангӣ барои ташкил намудани посухдиҳии ягона ба ҳолатҳои фавқулоддаи башардӯстона дар гузашта аҳамияти муҳим дошт. Ҳангоми посухдиҳӣ ба ҳолатҳои фавқулодда дар заминаи COVID-19, дар назар дошта мешавад, ки платформаи РЕАКТ/REACT минбаъд ҳам дар ҳамоҳангсозии донорҳо, шарикон ва Ҳукумат нақши муҳимро мебозад. Барои он, ки Платформаи РЕАКТ/REACT қобилияти дастрасӣ ва интиқоли маълумотҳои муҳимро ба форуми калонтар дошта бошад, як қатор тадбирҳо барои баланд бардоштани қобилияти REACT дар сатҳи Миллӣ ва Вилоятӣ пешбинӣ шудаанд. Барои имконпазир гардонидани чунин ҳамоҳангсозӣ талошҳои муштараке роҳандозӣ карда мешаванд, ки эҳтиёҷоти махсусро дарбар мегиранд ва намояндагони Ҳукумат, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ТҒД бояд таъмин намоянд, ки эҳтиёҷоти афзалиятнок ба қабули қарорҳо шомил карда шаванд.

Тадбирҳои асосӣ:

1. **Кормандони Миллӣ ва Минтақавии Алоқа оид ба COVID-19**: Кумитаи Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждани дар ҷалби кормандони алоқа дар ҳар як вилоят ва дар сатҳи миллӣ дастгирӣ карда мешавад, ки шахси асосии барои тамос бо ҳукуматҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ, инчунин бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мешавад ва барои дастгирии посухдиҳӣ ба COVID-19 фаъолият менамояд.

2. **Вохӯриҳои РЕАКТ/REACT– дар сатҳи Миллӣ ва Минтақавӣ**: Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба Ҳамоҳангсозии Фаъолияти Башардӯстона (UNOCHA) дар даъват ва мусоидат намудан ба иштироки шарикон дар доираи платформаи РЕАКТ/REACT нақши калидӣ дорад. Вусъатдиҳии дастгирӣ ба UNOCHA барои фаъол кардани ҳамкорӣ дар сатҳи миллӣ ва вилоятӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ин ташаббус хоҳад буд.

3. **Дастгирии Гурӯҳҳои Минтақавии РЕКТ/REACT:** Гурӯҳҳои РЕАКТ/REACT дар минтақаҳо пайвастагиҳои асоси ва василаҳоро дар ҳар як иншооти давлатӣ, ки дар он ҷойгир мешаванд, ва инчунин хароҷотҳои иловагиро барои логистика ва амалиёт талаб мекунанд. Ба кор бурдани онҳо тибқи ин стратегия имкон медиҳад, ки ҳамоҳангсозӣ дар тамоми кишвар дастгирӣ карда шавад

## ҲАДАФИ 2: ДАСТГИРИИ НАЗОРАТ ВА ҲИСОБОТДИҲИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БЕМОРӢ ВА ИҚТИСОДӢ

**Ғояи стратегӣ**. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани дорои зерсохтори фарогири посухдихи ба ҳолатҳои фавқулодда мебошад, ки аз захираҳои инсонӣ, воситаи нақлиёт ва нақлиётҳои махсус ва

системаҳои алоқаи таъчилӣ иборат буда ҷомеаҳои дурдасти кишварро метавонад фаро гирад. Такмил додани ин иқтидор барои таъмин намудани назорати пайваста ва мониторинги нишондиҳандаҳои саломатӣ ва иқтисодӣ ба ҷамъоварии маълумот ва тасдиқи ҳолати фавқулодда мусоидат менамояд

**Натиҷаи Чашмдошт** - Пешбинӣ шудааст, ки тавассути ҷалби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани (иқтидори моддию техникӣ, нерӯи кадрӣ, низомҳои ҳолатҳои фавқулодда) Ҳукумати Тоҷикистон ва ташкилотхои байналмилалӣ дастрасиро ба иттилооти зуд, дақиқ, дастрас ва фаврӣ афзоиш медиҳанд ва онро хамчун асос дар қабули қарорҳо оид ба захираҳо ва амалиёт истифода мебаранд.

## АФЗАЛИЯТИ 4: МАРКАЗҲОИ НАЗОРАТИИ ТАЪСИРИ БЕМОРИҲО ВА ИҶТИМОЮ ИҚТИСОДӢ

Дар ҳолатҳои фавқулодда ё дар давраи хатари зиёд, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани шабакаи алоқаи фавқулоддаи худро фаъол мекунад, ки ба ҷамоатҳои саросари кишвар паҳн мешавад ва иттилооти ҳамарӯзаро дар бораи ҳодисаҳои фавқулодда, захираҳо барои таҳвилкунӣ ва ҳолати нақшаҳои оғоз ёфта интиқол медиҳад. Васеъ намудани қобилияти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани дар ҷамъоварӣ намудани таҳлил ва ҳисобот дар бораи вазъи саломатӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ барои иттилоот оиди қабули қарорҳои фаврӣ ва сиёсӣ заминаи зарурӣ мегузорад. Таваҷҷуҳи махсус ба ҷамъоварии иттилооти ҷудошуда оид ба ҷинс, синну сол ва дастрасӣ равона карда мешавад.

### Тадбирҳои асосӣ:

**Ҷамъоварии Маълумот ва Интегратсияи Онлайн:** Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва Гурӯҳи мудофиаи граждани бо рушди босуръати системаи воридкунии маълумот ва системаи идоракунии маълумот, аз ҷумла ҷамъоварии ахборот, назорати сифат, таҳлил ва тартиб додани ҳисобот дастгирӣ карда мешавад. Ба дастаҳо асбобҳои электронии воридкунии маълумот, ба монанди планшетҳо ё телефонҳои смартфон дода мешавад, ки ҷараёни ҷамъоварии маълумотро автоматӣ мекунанд ва маълумотро дар бораи нишондиҳандаҳои саломатӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар вақти воқеӣ тасдиқ менамояд.

**Арзёбии микро-иқтисодӣ**: Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид арзёбии таъсири иқтисодии бӯҳрони COVID-19-ро ба шароити иқтисодии кишвар оғоз менамояд. Ин муайян намудани эҳтиёҷоти мушаххас ва таҳияи барномаҳои мақсаднокро барои беҳтар намудани шароити иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дастгирӣ менамояд.

**Омӯзиш барои ҷамъоварӣ ва интегратсияи маълумот:** Барои боварӣ ҳосил намудан оиди он, ки маълумотҳои дар ин соҳа ҷамъоваришуда, таҳлил ва ба чаҳорчӯбаҳои мухталифи Ҳисоботдиҳии Ҳукумат, СММ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил карда мешаванд, коршиносони ватанӣ ва байналмилалӣ оид ба идоракунии маълумот омӯзиши васеъро дар бораи ҷамъоварии маълумот ва протоколҳои ҳамгироӣ мегузаронанд.

## АФЗАЛИЯТИ 5: ҲИСОБОТДИҲИИ МУТТАҲИДШУДА

Дар ҳолатҳои фавқулодда ё дар давраи хавфи баланд, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани шабакаи алоқаи фавқулодда ва Маркази амалиётҳои фавқулоддаро фаъол мекунад, ки ба онҳо дастрасии фавриро ба иттилоот дар бораи ҳолатҳои фавқулоддаи башардӯстона ва саломатӣ таъмин менамояд. Бо истифода аз ин шабака дар баробари имкониятҳои мукаммали дар Афзалияти 4 пешбинишуда, Кумита метавонад ҳисоботдиҳии муттаҳидшударо бо вазифаҳои посухдиҳи, ки барои ташкили кардани дастгирӣ дар дохил ва берун аз Ҳукумат истифода мешавад, пешниҳод намояд.

Тадбирҳои асосӣ:

1. **Паҳн намудани Марказҳои Кушод:** Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, Кумитаи обуҳавошиносӣ ва Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон платформаи ҳамгирошудаи идоракунии иттилоотро муштарак истифода мебаранд, ки "Маркази кушода" ном доранд. Ин марказ инфрасохтори фазоии маълумотро истифода мебарад, ки харитасозӣ ва ҳисоботдиҳиро пеш мебарад ва дар айни замон дар бораи роҳҳои посухдиҳӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва роҳҳои сармоягузории инфрасохтор иттилоъ медиҳад. Пешбини шудааст, ки ин пойгоҳи иттилоотии муштарак, ба муовини сарвазир ҳамчун шахси ҳамоҳангсоз дар масъалаҳои хатари офатҳои табиӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва инчунин Хадамоти давлатии эпидемиологӣ бо Ҳадафи мусоидат ба мубодилаи иттилоот ва ҳисоботдиҳии муттаҳидшуда пешниҳод карда мешавад.

2. **Таъсис додани Маркази Амалиётҳои Фавқулодда**: Ҳангоми тамринҳо барои посухдихии башардӯстона, ки аз ҷониби UNOCHA ва UNHCR дар ду соли охир гузаронида шудааст, як иншооте, ки ба сифати Маркази амалиётҳои фавқулодда / Маркази ҳамоҳангсозии ҳолатҳои фавқулодда таъсис дода шудааст ва дар муассисаҳои гуногуни ҳукуматӣ ва шарикони миллӣ ва маҳаллӣ шомил карда шудааст. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи Граждани ба ҳамин монанд як марказро бо иштироки фаъолонаи сохторҳои СММ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, Вазорати кишоварзӣ ва ғайра дар самти ҳамоҳангсозии посухдиҳӣ ба ҳолатҳои фавқулодда фаъол хоҳад кард.

3. **Якҷоя Намудани Маълумотҳо бо БОҶ:** Барномаи Озуқаворӣ Ҷаҳонӣ (БОҶ) қобилияти мустаҳками харитасозиро таҳия кардааст, ки бо системаи байналмиллалӣ алоқаманд буда нархҳои озуқаворӣ, дастрасии дутарафаро ба сарҳад ва нишондиҳандаҳои асосии амнияти озуқавориро назорат мекунад. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани захираҳоеро муайян мекунад, ки ҷараёни иттилоотро аз Маркази Кушода ба платформаи БОҶ ҷорӣ карда метавонанд.

## ҲАДАФИ 3: РАСОНИДАНИ КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА

**Ҳадафи Стратегӣ** – Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани дар ҳолатҳои фавқулодда бо роҳбарияти вилоят барои муайян намудани ҷомеаҳои аз бӯҳрони иқтисодӣ бештар зарардида кор мекунад ва дар якҷоягӣ бо чорабиниҳои ҷустуҷӯй-наҷотдиҳӣ озуқа ва дигар кӯмакҳоро равона мекунад. Дар заминаи ҳолатҳои фавқулоддаи васеъмиқёс дар соҳаи тандурустӣ ва иқтисодиёт дар назар дошта шудааст, ки Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда дар баробари агентии захираҳои давлатӣ, Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонӣ ва дигар шарикони асосӣ пешниҳоди дастгирии фаврии озуқавориро дар сатҳи хонаводаҳо ба ҷомеаҳои зарардида мерасонад. Таваҷҷуҳи махсус ба дастгирии хоҷагиҳое, ки сарварашон занон мебошанд, шахсони дорои маъюбӣ ва ғайра дода мешавад.

**Натиҷаи Чашмдошт** – Пешбинӣ шудааст, ки тавассути амалӣ намудани тадбирҳои мунтазам ва устувор оиди расонидани озуқаворӣ ва кӯмаки башардӯстона, аҳолии аз ҳама бештар аз касали ва бухрони иқтисоди зарардида дорои иқтидори бартарафкунии ҳолати фавкулода мешавад.

### АФЗАЛИЯТИ 6: ЗАХИРАҲОИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДАИ ТИББӢ/ИҚТИСОДӢ

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани захираҳои маводи озукавории таъҷилиро барои истифода бурдан дар ҳолатҳои фавқулодда нигоҳ медорад. Захираҳо дар саросари кишвар барои ҳолатҳои фавқулоддаи сатҳи миёна ва бузургмиқёс мувофиқанд, ки дар маҳалҳои алоҳида рух медиҳанд ва мӯҳлати

маҳдуд доранд. Дар заминаи посухдиҳӣ ба COVID-19, Кумита ва шарикони он саъй мекунанд, ки захираҳои озуқаворӣи худро афзоиш диҳанд, то ин ки онҳоро ба минтақаҳои ниёзманд, ҳангоми посухдиҳи тиббӣ ва посухдиҳӣ дар минтақаҳои аз бӯҳрони иқтисодӣ зарардида, зуд таҳвил намоянд, ва мушкилиҳои ҷомеаҳоеро, ки тахти таъсири офатҳои табиӣ эҳтимолӣ, ки зуд-зуд дар саросари Тоҷикистон рӯй медиҳанд қарор доранд, бартараф намоянд.

Тадбирҳои Асосӣ:

1. **Захираҳои озуқаворӣи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани̇**. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани захираҳои озуқаворӣи худро дар пойтахт ва дар саросари кишвар ба таври назаррас афзоиш медиҳад, то имкон фароҳам оварда шавад, ки кӯмаки озукаворӣ ба минтақаҳои ниёзманд фавран таҳвил шавад. Ин кӯмаки озукаворӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти гуногуни минтақа таҳвил карда мешавад.

2. **Захираҳои Озуқаворӣи Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонӣ**. БОҶ дар дастрасӣ ба захираҳои муҳими озукаворӣ, ки аз марказҳои минтақавӣ таҳвил шудаанд, нақши муҳим дорад. Барои дастгирии стратегия мазкур харид, расонидан ва ҷойгиркунии захираҳои кӯмаки башардӯстона дар минтақаҳои зарардидаи Тоҷикистон дар чорчӯбаи омодагӣ ба тақсимот дар давраи бӯҳрон ҳамчун як ҷузъи муҳиме барои дастгирии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва посухдиҳи мудофиаи Граждани дохил карда шудааст.

3. **Захираҳои Озуқаворӣи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар:** Харид, расонидан ва ҷойгиркунии захираҳои башардӯстонаи озукаворӣ дар минтақаҳои зарардидаи Тоҷикистон дар ҷорчубаи омодагӣ ба тақсимот аз ҷониби Ҳилоли Аҳмар тавассути гурӯҳҳои посухдиҳи ба ҳолатҳои фавқулодда ва механизми дастгирии онҳо.

4. **Захираҳои Озуқаворӣи AKDN:** Харид, расонидан ва ҷойгиркунии захираҳои башардӯстонаи озукаворӣ дар минтақаҳои зарардидаи Тоҷикистон дар чорчӯбаи омодагӣ ба тақсимот аз ҷониби AKDN тавассути гурӯҳҳои посухдиҳи ба ҳолатҳои фавқулодда ва механизми дастгирии онҳо.

## АФЗАЛИЯТИ 7: КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ва шарикони он пешниҳоди ташаббуси якҷояи ЮНИСЕФ ва Ҳукумати Тоҷикистонро оид ба алоқа дастгирӣ менамояд. Кумита паёмҳои мушаххаси марбут ба ҷузъи башардӯстонаи ҳолати фавқулодда тарҳрезӣ ва таҳия менамояд, ки ба ҷорӯбаи васеътари паёмҳо шомил гардонида шуда, тавассути маҷроҳои гуногун, аз ҷумла Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ паҳн карда мешаванд.

Тадбирҳои Асосӣ:

1. **Таъминоти Сабади зуқаворӣ аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани:** Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар якҷоягӣ бо Агентии захираҳои давлатӣ як қатор тадбирҳои дастгирӣ бо озуқавориро барои дар сатҳи хонаводаҳо таъмин намудани дастрасии оилаҳои ба изтиробҳои саломатӣ ва иқтисодӣ осебпазир ба сабадҳои озуқаворӣ, оғоз менамояд.

2. **Озқаворӣи Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонӣ / Маблағҳои Пулӣ / Таҷҳизотҳо барои тадбирҳои Корӣ:** Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонӣ рушди лоиҳаҳоро таъмин ва дастгирӣ намуда ташаббусҳоеро дар саросари Тоҷикистон дастгирӣ менамояд, ки метавонанд ба минтақаҳои аз ҷиҳати озуқаворӣ заиф фавран озуқа/таҷҳизот таҳвил диҳанд.

3. **Лоиҳаҳои Заминҳои Ҳосилхез, Тобоварии низоми тандурустӣ ва обтаъминкуни, Озуқавори барои кори AKDN ва Ҷомеаи Шаҳрвандӣ:** AKDN дар якҷоягӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани ва шарикони ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар минтақаҳои дорои ноамнии баланди озуқаворӣ, барои фавран андешидани тадбирҳо оиди баланд бардоштани сифати зиндагии минтақаҳои зарардида фавран чорабиниҳои мақсаднок ва мушаххасро ба роҳ мемонад.

## ҲАДАФИ 4: ФОСИЛАИ ИҶТИМОӢ

**Мақсади Стратегӣ** – Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ таҷрибаи пешқадами кишварҳои зарардидаи ҷаҳонро омӯхта дар ҳолатҳои фавқулодда ба мақомотҳои амният ва ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмин намудани маълумот ва огоҳӣ ба одамони дар карантин ва ё дар ҷудогӣ қарордошта, оид ба бораи вазъият ва пешниҳоди хизматрасониҳои башардӯстонаи асосӣ, аз қабили дастгирии психологии иҷтимоӣ дар давраи ҷудонигоҳдории тамдидгардидаи эҳтимолӣ, дастгирӣ менамояд.

**Натиҷаи Чашмдошт** – Дар назар дошта шудааст, ки тавассути чораҳои самарабахш барои тақвияти фосилаи иҷтимоӣ дар вақти ёрии таъҷилии тиббӣ шумораи ҳодисаҳои сироятёбӣ ва сарбории системаи тандурустӣ коҳиш хоҳад ёфт.

### АФЗАЛИЯТИ 8: МАЪРАКАҲО ОИД БА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ОГОҲӢ

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани ва шарикони он пешниҳоди кӯмаки башардӯстонаро дар шакли сабадҳои озуқаворӣ ва тавассути ҷобаҷогузории фаъолиятҳои мавҷуда барои ворид намудани озуқаворӣ барои кор бо диққати махсус ба тадбирҳое, ки ба истифодаи самараноки замин мусоидат менамоянд, устуворкунӣ ва дастрасӣ ба муассисаҳои тиббӣ ва тадбирҳое, ки дастрасиро ба оби тоза барои шустани дастҳо дар хонаҳо, мактабҳо ва муассисаҳои ҷамъиятӣ беҳтар мекунад.

Тадбирҳои Асосӣ:

1. **Таҳияи ва чопи маводҳо**: Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани бо Вазорати маориф ва дигар шарикони ҳукумат ва шарикони байналмиллалӣ кор карда, паёмнависиро оид ба посухдихи ба ҳолатҳои фавқулодда барои посух ба COVID-19, ба монанди паҳн намудани иттилооти кӯмаки башардӯстона, маълумот дар бораи нуктаҳои дастрасӣ ва рақамҳои телефонӣ дар ҳолатҳои фавқулодда, ва ғайра, таҳия менамояд.

2. **Фаъолиятҳо оиди баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ:** Азбаски ҳолати фавқулодда гузаришро аз посухдихи тиббӣ ба посухдиҳии башардӯстона ва иқтисодӣ идома медиҳад, паҳнкунии маълумот дар бораи дастрасӣ ба захираҳо ва талаботи рафтори иҷтимоӣ низ тағир меёбад. Кумита ва шарикони ӯ

минбаъд низ ба ниёзҳои нав посух хоҳанд дод ва тавассути маъракаҳои мақсаднок тарғибу ташвиқ хоҳанд кард.

## АФЗАЛИЯТИ 9: ДАСТГИРӢ ДАР РАФТИ КАРАНТИН

Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждани кормандони худ ва куввахои мудофиаи гражданиро дар дастгирии мақомоти амният ва полис дар таъмин намудани он, ки қоидаҳои фармонҳои чудонигоҳдорӣ ичро мешаванд ва шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус, ҳангоми дар карантин будани онҳо, бо ашёҳои лозима таъмин мебошанд, истифода мебарад .

Тадбирҳои асосӣ:

1. **Омӯзиш ва дастгирии амалиявии Қисмҳои мудофиаи граждани:** Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани оиди чи гуна дар рафти ҳолатҳои фавқулоддаи тиббӣ бояд Ҷомеаи Шаҳрвандиро дастгири намуд, аз ҷониби Вазорати Тандурустӣ ва Вазорати Корҳои Дохилӣ омӯзонида мешавад. Инчунин барои таъмин намудани он, ки Қувваҳои мудофиаи граждани метавонанд ба минтақаҳои мувофиқ таҳвил шаванд ва босамарона фаъолият намоянд захираҳо ҷудо карда мешаванд.

2. **Фаъолиятҳои мақсадноки башардӯстона дар вақти карантин:** Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани усулҳоеро барои дастгирии солимии ҷисмонӣ ва равонии шахсони дар ҳолати бӯҳрон қарордоштаро, ҳангоми дар карантин будани онҳо, таҳия менамояд. Дастгирии Хати зангҳои телефонии фаврӣ барои машварат ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ оғоз мегардад ва инчунин гурӯҳҳое таҳия мегарданд, ки ба бартараф намудани ҳолатҳои вобаста ба эҳтиёҷоти махсус омӯдонида шудаанд.

## ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ СТРАТЕГИЯ:

Стратегияи посухдихии фаврии башардӯстона фаъолиятҳо ва захираҳои ба ҳамаи шариконии дар самти дастгирии нақшаи мазкур амалкунанда пешбини шударо инъикос менамояд. Илова бар ин нақшаи мазкур ҳамчун панели иттилоотӣ, варақаи тақсимот ва пешниҳоди фаврии истинод хоҳад буд.

Платформаи РЕАКТ/REACT ҳамчун механизми асосии ҳамоҳангсозӣ ва навсозии нақша боқӣ хоҳад монд ва барои ҳамаи иштирокчиён аз Ҳукумат, созмонҳои байналмиллалӣ, корпусхои дипломатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии миллӣ ва байналмиллалӣ кушода аст.

Замима 1: Нақшаи Қисмҳои Таркибӣ (компоненет)– Мутобиқатсозӣ бо Стратегияи Вазорати Тандурустӣ

**Стратегияи КХФ-БРСММ-АКДН оиди посухдиҳӣ ба COVID**

- **Ҳадафи 1 (Дастририи посухдиҳии тиббӣ)**- Дастририи Вазорати Тандурустӣ оид ба посухдиҳии тиббӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва марказҳои карантинӣ
  - **Афзалияти 1( Ҳимояи посухдиҳандагон дар ҳолатҳои фавқулодда)** -Таҷҳизонидани посухдиҳандагон бо таҷҳизоти худмуҳофизатӣ дар вақти ёрӣ расонӣ ҳангоми ҲФ аз тарафи РҲФ ва Вазорати Тандурустӣ
  - **Афзалияти 2 (Мукаммал намудани Логистика барои дастририи кормандони соҳаи тиб)** - Омода намудани воситаҳои нақлиёт, таҷҳизот, сӯзишворӣ, бучаҳои амалиётӣ, алоқа ва равобит дар ҷой, истифода аз инфрасохтори РҲФ сари вақт ҷойгир намудани кормандони ВТ, СЭС ва дигар кормандони соҳаи тиб дар саросари кишвар барои бартараф намудани авҷгирии беморӣ.
    - Дастририи Накшаи омодаги ва посухдихии ВТ - мувофики дастурхои СУТ
      - Афзалияти 4 - Мавзехои вуруд
      - Афзалияти 5 - Тахкики маврид ва посухдихии фаври
      - Афзалияти 6- Система лаборатория Милли
      - Афзалияти 7 - Идоракунии маврид
      - Афзалияти 8 - Амали бисерсохави оиди пешгирии окибатхои ичтимои ва иктисоди
      - Афзалияти 9 - Идоракунии логистики ва таъминкуни
  - **Афзалияти 3 ( Мусоидат ба хамкори бо коршарикон)** - Бо истифода аз Форуми REACT барои ҳамоҳангсозии сохторҳои давлатӣ ва ғайри давлатӣ аз истифодабарии маводҳо, фаъолиятҳо ва муқаррар кардани полисҳо (қоида) ва стандартҳо барои посухдиҳӣ дар вақти ҲФ.
    - Дастририи Накшаи омодаги ва посухдихии ВТ - мувофики дастурхои СУТ
      - Афзалияти 1 - Хамохангсози дар стали кишвар
- **Ҳадафи 2 (Назорат ва Ҳисоботдиҳӣ)** - Истифода аз пойгоҳи лоҷистикии РҲФ барои назорат ва мушоҳидаи беморӣ ва пешкаши ҳисоботи иқтисодии ҳолати фавқуллода.
  - **Афзалияти 4 ( Марказҳои назоратӣ)** - Истифодаи груҳои мавҷудбудаи РҲФ дар ҳар як ноҳияи саросари кишвар ҳамчун нуқта барои гузориш додан оиди индикаторҳои калидии тандурустӣ ва амнияти ғизоӣ аз ҷониби Ҳукумат ва мутахассисони соҳаи тиб.
    - Дастририи Накшаи омодаги ва посухдихии ВТ - мувофики дастурхои СУТ
      - Афзалияти 3 - Мушохида
  - **Афзалияти 5 (Ҳисоботдиҳии муттахиднамуда)** - Ҷалб намудани IMAC ва Маркази кушода барои , ҷамъоварӣ,тасдиқ ва пешниҳод намудани таҳлил ва гузориш оиди нишондиҳандаҳои асоси посухдиҳӣ дар ҲФ.
- **Ҳадафи 3 (Амнияти озуқаворӣ)**- Истифода аз захираҳои РҲФ ва дастририи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои пурзур намудани озуқаворӣи ҷомеа ва мӯътадил сохтани бозорҳо.
  - **Афзалияти 6 (Зиёд намудани захираҳои маводи озуқа)** - Истифода аз анборҳо, иншоот ва нуқтаҳои ҷойгиркунӣ дар саросари кишвар, ҳамчун нуқтаҳои захираҳои озуқа барои мӯътадил нигоҳ доштани бозорҳо.
  - **Афзалияти 7 ( Кӯмаки озуқаворӣ)** - Расонидани кӯмаки ғизоӣ ба минтақаҳои зарардида ё минтақаҳои зери хатари баланд буда барои дастририи қобилиятнокии шаҳрвандон бахри мубориза бар зидди сироят.
- **Ҳадафи 4 (Риояи фосилаи иҷтимоӣ)**- Истифода аз инфрасохтор ва захираҳои инсонии РҲФ барои дастририи барномаҳои Масофаи Иҷтимоӣ ва Бунбаст (Маҳдудкунанда).
  - **Афзалияти 8 ( Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ)** - Бо истифода аз воситаҳои коммуникатсияи РҲФ, паҳн кардани паёмҳои тасдиқшудаи ҳукумат оиди масофа ва изолятсия иҷтимоӣ.
    - Дастририи Накшаи омодаги ва посухдихии ВТ - мувофики дастурхои СУТ
      - Афзалияти 2 -Иртиботот оиди хавф ва чалб намудани чомеа
  - **Афзалияти 9 - (Дастририи хангоми ҷудонигоҳдории (изолятсияи) катъӣ)** - Агар дар Тоҷикистон вазъияти бунбаст (маҳдудкунанда) эълон карда шавад, бо истифод аз кормандони РҲФ барои дастририи маъмуриятҳои маҳаллӣ дар амалисозӣ ва расонидани кӯмак ба шаҳрвандоне, ки дар зери хатари баланд қарор доранд, аз ҷумла дастририи иҷтимоии равонӣ.

# Структура Государственной Комиссии по ЧС

**Председатель Комиссии -**
**Председатель Правительства Республики Таджикистан**

**Первый заместитель Председателя Комиссии-**
**Премьер-министр Республики Таджикистан**

**Заместитель Председателя Комиссии-**
**Заместитель Премьер Министра РТ**

**Заместитель Председателя**
**Комиссии-**
**Председатель Комитета по ЧС и ГО**
**при Правительстве РТ**

**Ответственный секретарь Комиссии**
**– Начальник Управления обороны и**
**правопорядка исполнительного**
**аппарата Президента РТ**

## Члены Государственной Комиссии

1. Министр юстиции Р.Т
2. Министр сельского хозяйства Р.Т
3. Министр внутренних дел Р.Т
4. Министр иностранных дел Р.Т
5. Министр образования и науки Р.Т
6. Министр труда, миграции и занятости населения Р.Т
7. Министр финансов Р.Т
8. Министр обороны Р.Т
9. Министр транспорта Р.Т
10. Министр экономического развития Р.Т
11. Министр промышленности Р.Т
12. Министр здравоохранения Р.Т
13. Министр культуры Р.Т
14. Министр энергетики и водных ресурсов
15. Председатель Комитета Гос. безопасности
16. Председатель Комитета по земельному управлению
17. Председатель Комитета по инвестициям и управлению гос. имуществом Р.Т
18. Председатель Налогового Комитета
19. Председатель Комитета по архитектуре и строительству
20. Председатель Комитета по телевидению
21. Председатель Комитета по охране окружающей среды
22. Начальник службы связи
23. Начальник Таможенной службы
24. Начальник службы по гос. надзору и безопасным ведением работ
25. Директор Агентства мелиорации и ирригации
26. Директор Агентства по гос. материальным резервам
27. Директор Агентства по стандартизации
28. Директор Агентства лесного хозяйства
29. Начальник Главного управления геологии
30. Директор Агентства по финансовому контролю и борьбе с коррупцией
31. Директор Агентства по статистике
32. Начальник Управления сельского хозяйства и защиты окружающей среды исполнительного аппарата Президента РТ

## СТРУКТУРА НАЦИОНАЛЬНОЙ ПЛАТФОРМЫ

**Председатель Национальной Платформы- Заместитель Премьер министра Республики Таджикистан**

**Заместитель Председателя Национальной Платформы- Председатель Комитета по ЧС и ГО при Правительстве Республики Таджикистан**

**Заместитель Председателя Национальной Платформы – Начальник Управления обороны и правового порядка Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан**

**Ответственный исполнитель Платформы – Начальник Главного Управления защиты населения и территории КЧС**

**ЧЛЕНЫ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПЛАТФОРМЫ**

1. Заместитель Министра юстиции
2. Заместитель Министра сельского хозяйства
3. Заместитель Министра образования и науки
4. Заместитель Министра энергетики и водных ресурсов
5. Заместитель Министра финансов
6. Заместитель Министра транспорта
7. Заместитель Министра здравоохранения
8. Заместитель Председателя Государственного Комитета по управлению земли и геодезии
9. Заместитель Председателя Комитета по инвестициям и управлению имущества
10. Заместитель Председателя Комитета по охране окружающей среде
11. Заместитель Председателя Комитета телевидения и радио
12. Заместитель Начальника Главного Управления геологии
13. Вице Президент Академии наук
14. Директор института геологии и сейсмостойкого строительства и сейсмологии

**НАБЛЮДАТЕЛИ: Группа РЕАКТ, (доноры и другие МО)**

Сохтори РЕАКТ

